Шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-039

Оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D120100 - Тибби ветеринарӣ (6D120102– Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбуруғшиносӣ бо заҳрзамбуруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) ва 6D060700 - Биология (D060700 – Паразитология) ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 – Ветеринария ва зоотехния (06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбуруғшиносӣ бо заҳрзамбуруғшиносӣ, масуниятшиносӣ); 03.02.11- Паразитология дар назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон амал менамояд.

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-039 бо фармоиши Муассисаи давлатии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2019, №136шд, 8 апрели соли 2022, №120шд таъсис ёфта, фаъолияти он баъдан бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2023, №135/шд дар назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон тамдид карда шуд.

Мутобиқи сархати 15 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270) ва банди 119 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D120100 - Тибби ветеринарӣ (6D120102– Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбуруғшиносӣ бо заҳрзамбуруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) ва 6D060700 - Биология (D060700 – Паразитология) ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 – Ветеринария ва зоотехния (06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ,

эпизоотология, замбуруғшиносӣ бо заҳрзамбуруғшиносӣ, масуниятшиносӣ); 03.02.11- Паразитология иҷозат дода шудааст.

Мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.с.2023 №319 оид ба ворид намудани тағиру иловаҳо ба Шӯрои диссертатсионӣ раиси Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ветеринарӣ, профессор, Мирзоев Давлаталӣ Мирзоевич аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбуруғшиносӣ бо заҳрзамбуруғшиносӣ, масуниятшиносӣ бо сабаби фавт аз ҳайати Шӯро бароварда шуд ва узви Шӯро Амирбеков Мулоҷон, доктори илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбуруғшиносӣ бо заҳрзамбуруғшиносӣ, масуниятшиносӣ ба ҳайси раиси шӯро таъйин карда шуда, Назруллозода Сулаймон Ҳабиб, номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбуруғшиносӣ бо заҳрзамбуруғшиносӣ, масуниятшиносӣ ба узвияти шӯро пазируфта шуд.

Мувофиқи фармони тасдиқгардида Шӯрои диссертатсионӣ аз 11 нафар доктор ва номзадҳои илмҳои ветеринарию биологӣ иборат аст. Аз онҳо 6 нафар докторон, ки 3 нафари онҳо аз Институти тибби ветеринарии АИКТ ва 5 нафар номзадҳо, ки 3 нафар аз Институти тибби ветеринарии АИКТ мебошанд.

Мавриди зикр аст, ки дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони институт мунтазам оид ба масъалаи дар доираи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода ва пешниҳод намудани рисолаҳо, ҳамзамон тартиби дурусти пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба Шӯрои диссертатсионӣ таъкид карда мешавад.

Роҳбарони илмии аспиранту унвонҷӯён дар якҷоягӣ бо мудирони шуъбаю озмоишгоҳҳо вазифадор карда шудаанд, ки нисбат ба масъалаи тайёр намудани кадрҳои илмӣ, роҳбарон ва мушовирони илмӣ масъул буда, ба сифати таҳқиқот ва тартиби рисолаҳо аҳаммияти ҷиддӣ диҳанд ва аз ҷониби

котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ қабули рисолаҳо ба ҳимоя, беғаразона бо риояи ҳамаи бандҳои Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ба роҳ монда шавад.

https://vak.tj/index.php/sh-ro-oi-dissertatsion/sh-ro-oi-dissertatsionii-amalkunanda